# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.**

Зимни таълими суннатию анъанавӣ вазифаю таъйиноти асосӣ ба донишҷӯ интиқол додани миқдори муайяни дониш, ташаккули як қатор малакаҳо бошад, пас ҳадафи таълим дар муҳити иттилоотию маърифатӣ омӯзонидани донишҷӯ ба мушкилотҳои маърифатӣ аст ва барои ин дарёфт, коркард, истифода ва эҷоди иттилоот зарурати воқеӣ мебошад.

Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки истифодаи технологияҳои мултимедӣ дар методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ нақши назаррас дорад. Истифодаи луғатҳои электронӣ, энсиклопедияҳо, китобҳои дарсии интерактивӣ ва дастурҳо, бозиҳо, захираҳои интернетӣ, тренажерҳо, презентатсияҳои электронӣ ва ғайра имкон медиҳанд, ки самаранокии азхудкунии мавод баланд бардошта шавад. Яке аз афзалиятҳои истифодаи воситаҳои мултимедӣ ин аст, ки онҳо имкон медиҳанд, ки як қатор чорабиниҳои маърифатиро барои донишҷӯён ташкил намуда, роҳҳои гуногуни васеъ кардани луғат ва шиносоӣ бо услубҳои нави суханронӣ, беҳтар кардани хотираи забонии омӯхташуда ва робитаҳои байни ин сохторҳо ва омӯзиши малакаҳои муайян фароҳам оварда шаванд.

Ба ақидаи муаллифи рисола муҳити иттилоотию маърифатӣ метавонад ҳам манбаи дониш бошад ва ҳамзамон ба ташкили шаклҳои мухталифи кори мустақили донишҷӯён мусоидат намояд. Чунин муҳити иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчунин имкон фароҳам меорад, ки қобилиятҳои дидактикии технологияҳои инноватсионӣ

дарк карда шаванд, кори инфиродӣ ва дастаҷамъонаи донишҷӯён самаранок ташкил гардад. Имрӯз комилан возеҳ аст, ки он дар муҳити иттилоотӣ ва таълимӣ меафзояд. Ягонагии раванди таълимӣ дар натиҷаи амали бошууронаи иштирокчиёни раванди педагогӣ ба вуҷуд омада, бо назардошти мундариҷаи маводи таълимӣ, усулҳои мувофиқу муносиби ба ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ ва рушд ташаккулёфта ташаккул меёбад.

Тавре аз автореферат маълум мегардад, ҳадафи асосии диссертант муайян намудани хусусиятҳои методии таълими забони англисӣ бо истифодаи аз технологияи мултимедӣ аст ва бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки инро диссертант хуб дарк намудааст ва барои кушодани моҳияту мазмуни масъалаи ҳалталаб дар асоси маводи фаровон кӯшиш ба харҷ додааст.

Тибқи ҳадафу вазифаҳои дар автореферат нишон дода шуда мантиқан он аз муқаддима, ду боби асосӣ, хулоса ва феҳристи адабиёт шакл гирифтааст. Дар муқаддима муҳимияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шудааст, проблема, ҳадаф, объект, предмет, фарзия, вазифаҳо баён шудаанд, асосу заминаи назариявӣ-методологии тадқиқот пешкаш гаштааст, заминаи (базаи) корҳои таҷрибавӣ-экспериментали нишон дода шудааст, навгониҳои таҳқиқот кушода дода шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор зикр гаштааст, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодгашта ба расмият даровarда шудаанд.

Дар хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии унвонҷӯ дар бандҳои алоҳида оварда мешавад, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода мекунанд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро таҷассум менамоянд.

Таҳлили пурраи автореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Шарипов Хуршед Алихонович дар мавзӯи “Методикаи таълими забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои мултимедӣ дар ихтисосҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии

омӯзгорӣ (самти «Таърих ва ҳуқуқ»)», таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи муайяни илми муосир мебошад.

Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарипов Хуршед Алихонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 -Назария ва методикаи омӯзишу парвариш (забони хориҷӣ) (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Номзади илмхои педагогӣ, дотсент,
Директори маркази омӯзиши
«Мактаби далатдории Эмомалӣ Раҳмон» - и
Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон Сайдаҳмадзода Дилором

Имзои дотсент Сайдаҳмадзода Д - ро
тасдик менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳо
ва корхои махсуси АИДНПҶТ Суфиев Ф. Р.

Робита бо тамос:
7340003,Ҷ.Т, ш. Душанбе,
кучаи Саид Носир-33
Тел: 987.21.29.22.
Э-почта: sdl6868@mail.ru
4.12.2020